## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Расулзода Ҳомидҷон Ҳасан, дар мавзӯи «Хусусиятҳои хоси ташаккулёбӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обии ҳавзаи дарёи Панҷ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз руйи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия.**

Расулзода Ҳомидҷон Ҳасан аз соли 2021 то ҳол ба сифати директори Маркази илмӣ-тадкиқотии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият мекунад.

Расулзода Ҳ.Ҳ. аз соли 2020 инҷониб дар Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯ ба фаъолияти илмӣ машғул мебошад.

Тахлилҳои эксперименталии марбут ба кори илмии худро Расулзода Ҳ.Ҳ. дар лабораторияи «Иқлимшиносӣ, пиряхшиносӣ ва моделкунонии захираҳои обӣ»-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро намудааст. Дар баробари гузаронидани таҳлилҳои эксперименталӣ, аз ҷониби ӯ як зумра таҳқиқотҳои саҳроии гидрологӣ ва метеорологӣ дар минтақаҳои гуногуни ҳавзаи дарёи Панҷ муддати зиёда аз 5 сол гузаронидааст.

Ҳангоми кор ба ҳайси директори Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо барномаҳои амсиласозии гидрометеорологӣ як зумра арзёбиҳо ва ояндабиниҳои илмии гидрологиро ба анҷом расонидааст.

Расулзода Ҳ.Ҳ. дар давоми ин солҳо маводҳои зарурии кори диссертатсионии худро ҷамъоварӣ кард ва асарҳои илмии марбут ба кори таҳқиқотиро ба низом даровардаст. Дастовардҳои илмии ӯ дар диссертатсия, монография ва мақолаҳои илмии ба табъррасонидааш инъикос ёфтааст. Муаллиф доир ба паҳлуҳои мухталифи мавзуъ ва натиҷаҳои таҳқикот дар конференсияҳо ва симпозиумҳои илмии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ бо маърӯзаҳои худ ширкат варзидааст.

Инчунин муаллиф дар коркарди Ахбори миллии чаорум оид ба тағйирёбии иқлим, ки ҳисоботи ҳолати муосир ва дурнамои рушди табиати Ҷумҳуриро дар бар мегирад, иштирок намудааст.

Омӯзиши равандҳои табиию географӣ, арзёбии метеорологӣ ва реҷаи гидрологии ҳавзаи д.Панҷ, ҳолати умумии шохобҳои он дар раванди тағйирёбиҳои иқлимӣ, минтақаҳои ташаккули об бо назардошти тағйирёбии иқлим, арзёбии таъсири тағйирёбии иқлим ва кишоварзӣ ба реҷаи гидрологии дарёҳо, тағйирёбии иқлим ва паёмадҳои он, ҳолати экосистемаҳои ҳавзаи д.Панҷ вобаста ба тағйирёбии иқлим, ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда дар шароити аридатсияшавии иқлим, коркарди чорабиниҳо оид ба мутобиқ шудан ба тағйирёбиҳои иқлимӣ, таъсири тағйирёбиҳои иқлимӣ ба ҳолати ҳавза вазифаҳои асосии кори диссертатсионии Расулзода Ҳ.Ҳ. ташкил медиҳанд.

Бо назардошти талаботи ҷорӣ Ӯ кори диссертатсионии худро дар чор боб таҳия намудааст.

Дар муқаддима аҳамияти илмӣ - амалии мавзӯи баррасигардида асоснок карда шуда, мақсад вазифаҳо, навоварии илмӣ, арзиши амалии диссертатсия ва сохтори он баён гардидааст.

Дар чаҳор бобҳои диссертатсия оид ба мавқеи табиию географӣ, арзёбии метеорологӣ ва реҷаи гидрологии шохобҳои д.Панҷ; оид ба ҳолати умумии ҳавзаи дарёи Панҷ дар равандҳои тағйирёбиҳои иқлимӣ, иқлим, хусусиятҳои асосии табиӣ ва гидрологӣ; тағйирёбии ҳарорати ҳаво, омилҳо ва мушкилотҳои вобаста ба он; арзёбии таъсири тағйирёбии иқлим ва кишоварзӣ ба реҷаи гидрологии ҳавзаи дарёи Панҷ; объекти таҳқиқот, ки арзёбии таъсири тағйирёбии иқлим ва паёмадҳои он; хулосаҳои муфиди аз нигоҳи илм асоснокшуда пешниҳод намудааст.

Расулзода Ҳ.Ҳ. ҳангоми тадқиқот муайян намудааст, фарқияти маҷрои давраи июл-сентябр ва маҷрои март-июн аз шохобҳои обнокиашон баланд аз 1,0% зиёд мебошад. Фарқияти маҷрои дарёи Панҷ аз 1,2% зиёд мебошад, фарқияти як қатор шохобҳои дарёи Панҷ бошад аз 2,0% зиёд мебошанд (дарёҳои Ғунт ва Ванҷ). Дар давраи октябр-феврал дар Дарёи Панҷ ва шохобҳои он бо ҳисоби миёна 15-20% сарфи солонаро ташкил медиҳад. Сарфи об дар давраи октябр-феврал, ки асосан аз обҳои зеризамини ғизо мегирад, аз ҳисоби омилҳои муаянкунандаи камобӣ муайян шудааст.

Мақолаҳои илмӣ ва фишурдаи диссертатсияи Расулзода Ҳ.Ҳ. мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос менамоянд ва ба ҳамаи талаботҳои тадқиқотҳои кори диссертатсионии ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия мувофиқ аст.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои
техникӣ, ходими калони илмии
лабораторияи «Захираҳои обӣ ва равандҳои
гидрофизикӣ»-и Институти масъалаҳои об,
гидроэнергетика ва экологияи АМИТ Кодиров А.С

*Имзои Кодиров А.С.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири Шуъбаи кадрҳои
ИМО,Г ва Э АМИТ Холназарова З.Д.

«____» ____________ с. 2022

ИНСТИТУТИ МАСЪАЛАҲОИ ОБ, ГИДРОЭНЕРГЕТИКА ВА ЭКОЛОГИЯИ АМИТ / ИНСТИТУТ ВОДНЫХ ПРОБЛЕМ, ГИДРОЭНЕРГЕТИКИ И ЭКОЛОГИИ НАНТ
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ